Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» декабри соли 2024, № 663

# ТАРТИБИ ГУЗАРОНДАНИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ҒАЙРИФАЪОЛГАРДОНӢ ВА ФАЪОЛ ГАРДОНДАНИ ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ Ё МОЛУ МУЛКИ ДИГАРИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ТАШКИЛОТҲО, КИ БА РӮЙХАТИ ШАХСОНИ БО ТЕРРОРИЗМ АЛОҚАМАНД ДОХИЛ КАРДА ШУДААНД

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузарондани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд (минбаъд - **Тартиб**) сохтори рӯйхатҳои таҳримӣ, тартиби ташаккул, интишор ва ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва шахсони дигар расондани онҳо, расмиёти татбиқи ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани молу мулк (воситаҳо)-и шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое, ки бо терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд мебошанд, инчунин таъмини дастрасӣ ба молу мулки ғайрифаъолгардондашударо барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки аз қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, муайян мекунад.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ғайрифаъолгардонӣ - манъ кардани интиқол, мубодила, ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ ё амалиёти дигар бо молу мулк (воситаҳо)-е, ки дар моликият ё таҳти назорати шахс ё ташкилот, муштарӣ, контрагент ё молики баҳрагирандаи ба рӯйхати шахсон, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои бо терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд дохилшуда қарор доранд;

- Дафтари Ваколатдори ҳуқуқи инсон - дастгоҳи Ваколатдори ҳуқуқи инсон мутобиқи банди 20 қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1904 (2009) аз 17 декабри соли 2009 таъсис ёфта, барои баррасии дархостҳо дар бораи аз рӯйхати муттаҳид баровардан мусоидат менамояд;

- кумитаҳои қатъномаҳои №№1267, 1988, 1989 ва 2253 - кумитаҳо оид ба таҳримҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки дар асоси қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1267 (1999), №1989 (2011) ва №2253 (2015) нисбат ба ташкилотҳои террористии «Ал-Қоида» ва Давлати Исломии Ирок ва Шом (ДИИШ) таъсис дода шудааст, инчунин Кумитаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки дар асоси қатъномаҳои Шурои

амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1267 (1999) ва №1988 (2011) нисбат ба ташкилоти террористии «Толибон» ва шахсони ба онҳо алоқаманд таъсис дода шудааст;

- Кумитаи қатъномаи №1718 - Кумитаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки дар асоси қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1718 (2006) нисбат ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея таъсис дода шудааст;

- Кумитаи қатъномаи №1737 - Кумитаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки дар асоси қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1737 (2006) нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсис дода шудааст;

- кумитаҳо - кумитаҳои қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1988, 1989, 2253, 1718 ва 1737;

- қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид - қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки муқовимат ба терроризм (қатъномаҳои №№1267 (1999), 1269 (1999), 1333 (2000), 1363 (2001), 1373 (2001), 1390 (2001), 1452 (2002), 1455 (2003), 1526 (2004), 1566 (2004), 1617 (2005), 1624 (2005), 1699 (2006), 1730 (2006), 1735 (2006), 1822 (2008), 1904 (2009), 1988 (2011), 1989 (2011), 2082 (2012), 2083 (2012), 2133 (2014), 2161 (2014), 2170 (2014), 2178 (2014), 2195 (2014), 2199 (2015), 2214 (2015), 2249 (2015), 2253 (2015), 2255 (2015), 2309 (2016), 2322 (2016), 2331 (2016), 2341 (2017), 2347 (2017), 2354 (2017), 2368 (2017), 2379 (2017), 2388 (2017), 2396 (2017), 2462 (2019), 2482 (2019), 2560 (2020), 2610 (2021) ва қатъномаҳои дигари барои такмили онҳо қабулшуда) ё барои паҳнкунии силоҳи қатли ом (қатъномаҳои №№1718 (2006), 1737 (2006), 1747 (2007), 1803 (2008), 1874 (2009), 1929 (2010), 2087 (2013), 2094 (2013), 2231 (2015), 2270 (2016), 2321 (2016), 2356 (2017), 2371 (2017), 2375 (2017), 2397 (2017) ва қатъномаҳои дигари барои такмили онҳо қабулшуда) нигаронида шудаанд;

- мақоми ваколатдор оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд – **мақоми ваколатдор**) - мақоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон - Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- паҳнкунии силоҳи қатли ом - амалҳо оид ба ғайриқонунӣ сохтан, истеҳсол кардан ё соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, ирсол ва ё ба соҳибияти шахси дигар додани силоҳи қатли ом, аз ҷумла маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки барои анҷом додани онҳо таҳримҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд;

- рӯйхати муттаҳид – рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ба фаъолияти террористӣ алоқаманд, шахсон, гурӯҳҳо ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита бо ташкилотҳои террористии «Ал-Қоида», Давлати Исломии Ироқ ва Шом (ДИИШ), «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Толибон» ё ташкилотҳои террористии дигар алоқаманд, ки аз ҷониби кумитаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла кумитаҳои дар асоси қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1988, 1989, 2253 ва қатъномаҳои дигари барои такмили онҳо қабулшуда ташкилёфта таҳия карда мешаванд, инчунин, рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита дар паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё алоқамандӣ дошта, ки аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳиди дар асоси қатъномаҳои №1718 (нисбат ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея) ё №1737 (нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон) ва қатъномаҳои дигари барои такмили онҳо қабулшуда таҳия карда мешавад;

- рӯйхати миллӣ - рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита дар амалҳои террористӣ ва дигар зуҳурути он, аз ҷумла маблағгузории терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок менамоянд ё ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро анҷом медиҳанд ё кӯшиш менамоянд, ки анҷом диҳанд ё дар анҷом додани онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он иштирок ё мусоидат мекунанд, инчунин шахсон ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита дар моликият, ихтиёрдорӣ ё таҳти назорати ин гуна шахсон мебошанд ё аз ном ё бо супориши чунин шахсон амал мекунанд;

- рӯйхати байналмилалӣ - рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита дар терроризм ё маблағгузории терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок менамоянд ё ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро анҷом медиҳанд ё кӯшиш менамоянд, ки анҷом диҳанд, ё дар анҷом додани онҳо дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ иштирок ё мусоидат мекунанд, инчунин шахсон ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита дар моликият, ихтиёрдорӣ ё таҳти назорати ин гуна шахсон мебошанд ё аз ном ё бо супориши чунин шахсон амал мекунанд, ки он дар асоси иттилооти аз давлати хориҷӣ, мақомоти ваколатдор ё шахсони мансабдори онҳо дастрасгардида тартиб дода мешавад;

- субъектҳои ҳисоботдиҳанда - субъектҳое, ки дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» пешбинӣ шудаанд;

- сомона - сомонаи расмии интернетии мақоми ваколатдори давлатӣ;

- фаъолгардонӣ - бекоркунии қарор оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо).

3. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда бевосита ё бавосита, пурра ё қисман пешниҳод кардани ягон молу мулк (воситаҳо), захираҳои иқтисодӣ, хизматрасонии молиявӣ ё хизматрасонии

дахлдори дигар ба манфиати шахсон ва ташкилотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати таҳримӣ дохилшуда, ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита таҳти моликият ё таҳти назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба рӯйхати таҳримӣ дохил шудаанд ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии аз ном ё бо супориши шахсон ва ташкилоти амалкунандаи ба рӯйхати таҳримӣ дохилбуда, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, манъ мебошад.

## 2. СОХТОРИ РӮЙХАТҲОИ ТАҲРИМӢ ВА ТАРТИБИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ОНҲО

4. Рӯйхати таҳримӣ аз рӯйхатҳои муттаҳид, миллӣ ва байналмилалӣ иборат мебошад. Сохтори рӯйхати муттаҳид аз ҷониби кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид муайян карда мешавад. Рӯйхатҳои миллӣ ва байналмилалӣ таркибан аз фаслҳои зерин иборат мебошанд:

1) фасл оид ба шахсони воқеӣ, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

а) маълумоти ҳатмӣ (дар сомона барои дастрасии умумӣ ҷойгир карда мешавад):

- насаб, ном ва номи падар (агар бо қонун ё урфу одати миллӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардад);
- насаб, ном ва номи падарии қаблӣ дар ҳолате, ки агар шахс онҳоро тағйир дода бошад;
- санаи таваллуд;
- ҷинс;
- транслитератсияи (навиштани ҳарфҳои як алифбо бо ҳарфҳои алифбои дигар) насаб, ном ва номи падар бо забонҳои англисӣ, русӣ ё дигар забон;

б) маълумоти иловагӣ (дастрасии маҳдуд дошта, дар қисмати пушидаи сомона ҷойгир карда мешавад):

- шаҳрвандӣ;
- миллат (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (ҳангоми мавҷуд будан);
- суроғаи ҷойи истиқомат (ҷойи қайд) ё ҷойи будубош (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумоти дигаре, ки барои мушаххас кардани шахс имкон медиҳанд (ҳангоми мавҷуд будан);
- асос барои дохил намудан ба рӯйхат;
- санаи дохил намудан ба рӯйхат;
- навъи алоқамандӣ (терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом);

2) фасл оид ба шахсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳо, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

а) маълумоти ҳатмӣ (дар сомона дар дастрасии умумӣ ҷойгир карда мешавад):

- ном, шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- номи ихтисоршуда ё номҳои дигар (ҳангоми мавҷуд будан);
- рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами бақайдгирии давлатӣ ё рамзи бақайдгири шахси ҳуқуқии хориҷӣ (ҳангоми мавҷуд будан);

- транслитератсияи ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ ё дигар забон;

б) маълумоти иловагӣ (дастрасии маҳдуд дошта, дар қисмати пушидаи сомона ҷойгир карда мешавад):

- маълумот оид ба ҷойи бақайдгирии давлатӣ ва суроғаи ҷойгиршавӣ (ҳангоми мавҷуд будан);

- маълумот оид ба шахсони мансабдор, муассисон, моликони баҳрагиранда ва дигар маълумоти мансуб ба ҳуҷҷатҳои оинномавӣ, ки фаъолияти ташкилоти ҳуқуқиро ба танзим медароранд (ҳангоми мавҷуд будан);

- асос барои дохил намудан ба рӯйхат;

- санаи дохил намудан ба рӯйхат;

- навъи алоқамандӣ (терроризм, экстремизм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом).

5. Ба рӯйхатҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз мавҷуд будан (набудан)-и бақайдгирии давлатӣ ва маҳалли воқеии ҷойгиршавӣ, (минбаъд – **шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо**) бояд дохил карда шаванд, ки нисбати онҳо маълумот оид ба алоқамандиашон дар фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом мавҷуд аст, ё ин ки зери назорат ё идораи ин гуна шахсон ва ташкилотҳо қарор доранд, инчунин шахсон ва ташкилотҳое, ки алоқамандии онҳо ба фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки дар асоси қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1267 (1999), №1988 (2011), №1989 (2011), №2253 (2015), №1718 (2006) ва №1737 (2006) таъсис дода шудаанд, муайян шудааст.

6. Асос барои ба рӯйхати муттаҳид дохил кардан ин мавҷуд будани шахсони воқеӣ ва ташкилот дар рӯйхате, ки аз тарафи кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид таҳия гардидааст ё дар қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид муайян шудаанд, мебошад.

7. Асосҳо барои ба рӯйхати миллӣ дохил кардан инҳоянд:

- ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гунаҳкор донистани шахси воқеӣ дар содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи террористӣ ё экстремистӣ эътироф намудани ташкилот (филиал ва (ё) намояндагии он) ва барҳам додан ё манъ кардани фаъолияти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муроҷиати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи ӯ ба суд оид ба боздоштани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ё ташкилот барои фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ;

- қарори муфаттиш ё прокурор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахсе, ки ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир намудааст.

8. Асосҳо барои ба рӯйхати байналмилалӣ дохил кардан инҳоянд:

- рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд, ки аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ тартиб додашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ё принсипи мутақобила эътироф намудааст;

- ҳукм (қарор)-ҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба маҳкум кардани шахси воқеӣ барои ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин қарорҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳо ва мақомоти дигари салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкилоти террористӣ эътироф шудани ва манъ кардани фаъолияти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ё принсипи мутақобила эътироф намудааст;

- дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсон ва ташкилотҳое, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд, ҳангоми ҷой доштани асосҳои оқилона барои шубҳа ё тахмини ҷоиз, ки чунин шахсон ё ташкилотҳо амали террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир мекунанд ё кӯшиши содир намудани онро мекунанд, ё ин ки дар содир кардани он иштирок ё мусоидат мекунанд ё ин ки бевосита ё бавосита дар ихтиёр ва ё таҳти назорати чунин шахсон қарор доранд, ё бо супориш ё дастури чунин шахсон амал мекунанд.

9. Асоси иловагӣ барои дохил намудан ба рӯйхатҳои миллӣ ва байналмилалӣ ин ҷой доштани асосҳои оқилона барои шубҳа ё тахмини ҷоиз, ки шахс ё ташкилот амали террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир мекунад ё кӯшиши содир намудани онро мекунад, ё ин ки дар содир кардани он иштирок ё мусоидат менамояд, ё ин ки бевосита ё бавосита дар ихтиёр ва ё таҳти назорати чунин шахсон қарор дорад, ё бо супориш ё дастури чунин шахсон амал мекунад.

10. Рӯйхати муттаҳид аз ҷониби кумитаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид бо тартиби муқаррарнамудаи Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид тартиб дода мешавад. Рӯйхати муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман татбиқ мегардад.

11. Ҳангоми пайдо шудан ё мавҷуд будани яке аз асосҳои дар бандҳои 7 ва 9 Тартиби мазкур муқарраршуда, мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъхирона, на дертар аз як рӯзи корӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро барои ба рӯйхати миллӣ дохил намудан, бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (дар шакли коғазӣ ё электронӣ) ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ) пешниҳод менамоянд.

12. Маълумот ва ҳуҷҷатҳо ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тариқи муросилоти почтавӣ ё хаткашон, ё ин ки тавассути шабакаҳои алоқаи махсуси ҳифзшуда ирсол карда мешавад.

13. Ба мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ намудани шахсони ба рӯйхат дохилшаванда ва ё шахсони сеюм дар бораи ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ирсол намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумот барои дохил кардан ба рӯйхат манъ мебошад.

14. Барои мушаххаскунии шахсон ва ташкилотҳо ба ғайр аз ҳуҷҷатҳое, ки барои дохил кардан ба рӯйхат асос шудаанд, мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдор ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ маълумоти зеринро пешниҳод мекунанд:

1) нисбат ба шахси воқеӣ:

- насаб, ном ва номи падар (агар қонун ё урфу одати миллӣ тартиби дигареро пешбинӣ накунад);
- санаи таваллуд;
- ҷойи таваллуд;
- ҷинс;
- шаҳрвандӣ;
- миллат (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумоти (реквизитҳои) шиноснома (корти мушаххаскунанда (ID)) ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд маълумоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд барои будубош (истиқомат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳангоми мавҷуд будан);
- суроғаи ҷойи истиқомат (ҷойи қайд) ё ҷойи будубош;
- рақами мушаххаси андозсупоранда ё рақами мушаххаси иҷтимоӣ (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумот оид ба ҷойи кор ва вазифаи ишғолнамуда (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумот оид ба рақами қайд, санаи бақайдгирӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ва намуди фаъолият (ҳангоми мавҷуд будан).

2) нисбат ба шахси ҳуқуқӣ:

- ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- рақами бақайдгирии давлатӣ ё рақами бақайдгири шахси ҳуқуқии хориҷӣ (ҳангоми мавҷуд будан);
- рақами мушаххаси андозсупоранда ё рамзи ташкилоти хориҷӣ (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумот оид ба ҷойи бақайдгирии давлатӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ (ҳангоми мавҷуд будан);
- маълумот оид ба шахсони мансабдор, муассисон, моликони баҳрагиранда ва маълумоти дигари мансуб ба ҳуҷҷатҳои оинномавӣ, ки фаъолияти шахси ҳуқуқиро ба танзим медароранд (ҳангоми мавҷуд будан).

15. Ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи он, ки шахс аллакай аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ ба рӯйхати шахсони бо терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд дохил карда шудааст,

инчунин маълумот оид ба дохил кардан ба чунин рӯйхат бо нишон додани санаи дохилкунӣ (ҳангоми мавҷуд будан) пешниҳод карда мешавад.

16. Дар ҳолати пешниҳод шудани маълумоти нопурра, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба мақоми ваколатдор ё мақомоти салоҳиятдори дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти иловагӣ муроҷиат менамояд. Мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ маълумоти заруриро дар муҳлати ду рӯзи корӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ муроҷиат кардан зарур мебошад, пешниҳод намоянд.

17. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳуқуқ дорад ҳама гуна маълумотро аз мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияти онҳо барои муайян кардан ва дохил кардани шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба талаботи барои дохил кардан ба рӯйхат ҷавобгӯ мебошанд, талаб намояд.

18. Рӯйхати миллӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тартиб дода мешавад. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бетаъхир, на дертар аз як рӯз аз санаи аз мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудани маълумот ва ҳуҷҷатҳо онҳоро баррасӣ намуда, аз натиҷааш оид ба ворид намудан ба рӯйхати миллӣ қарор қабул менамояд.

19. Ба рӯйхати миллӣ тағйиру иловаҳо аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бетаъхир, на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи қабул гардидани қарор дар бораи ба рӯйхат дохил кардан, ки мутобиқи банди 18 Тартиби мазкур қабул гардидааст, ворид карда мешавад. Рӯйхати миллӣ ва тағйиру иловаҳо ба он аз ҷониби раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ё муовини ваколатдори ӯ тасдиқ карда мешавад.

20. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки таҳия ва пешбурди рӯйхати миллиро анҷом медиҳад, уҳдадор аст бетаъхир, на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи ворид намудани тағйирот ба мақоми ваколатдор рӯйхати миллиро дар таҳрири нав барои ҷойгир намудан дар сомона пешниҳод намояд, инчунин бетаъхир оид ба тағйироти ба он воридшуда хабар диҳад. Рӯйхати миллӣ дар таҳрири нав ва тағйироти ба он воридшуда аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба мақоми ваколатдор тариқи муросилоти почтавӣ ё хаткашон ё тавассути шабакаҳои алоқаи махсуси ҳифзшуда пешниҳод карда мешавад.

21. Рӯйхати байналмилалӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо тартиби пешбининамудаи бандҳои 81-89 Тартиби мазкур тартиб дода мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ТАКЛИФҲО ОИД БА ДОХИЛ НАМУДАН БА РӮЙХАТИ МУТТАҲИД

22. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пешниҳод намудани таклифҳо оид ба дохил намудани шахсон ва ташкилотҳо ба рӯйхатҳои аз ҷониби кумитаҳои Шурои

амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1989, 1988 ва 2253 таҳияшаванда масъул мебошад, ба ҳисоб меравад. Таклифҳо оид ба дохил намудани шахсон ва ташкилотҳо ба рӯйхатҳои аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1989, 1988 ва 2253 ташаккулёбанда аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ бо тартиби дар қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид пешбинишуда ва бо дарназардошти ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, эҳтироми волоияти қонун ва эътироф намудани ҳуқуқҳои шахсони сеюми бегуноҳ, пешниҳод карда мешавад.

23. Ҳангоми пешниҳод намудани таклифҳо оид ба дохил намудани шахсон ва ташкилотҳо ба рӯйхатҳои аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1989, 1988 ва 2253 таҳияшаванда Кумитаи давлатии амнияти миллӣ маълумоти кофиро барои дуруст мушаххас кардани ин гуна шахсон ва ташкилотҳо, инчунин мундариҷаи парвандаро барои пур кардани шакли дар қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид муайяншуда ҷамъоварӣ ва пешниҳод менамояд, аз ҷумла:

- асос ва далелҳои мушаххаси муайяншуда, ки алоқамандии шахсро ба терроризм исбот мекунанд;
- маълумоти батафсил оид ба ҳама гуна алоқамандӣ бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии дар рӯйхатҳо қарордошта;
- далелҳо ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, инчунин маълумот оид ба хусусияти далелҳои тасдиқкунанда (масалан, маълумоти ҷустуҷӯйи, маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, маълумоти воситаҳои ахбори омма, иқрор шудани субъект ва ғайра);
- маълумоти дигар оид ба амалҳо ва фаъолияти шахс ё ташкилоти зикршудаи дахлдор.

24. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ барои мушаххас намудани шахсон ва ташкилотҳои дахлдор аз рӯйи имконият инчунин маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:

- нисбат ба шахсони воқеӣ: насаб, ном ва номи падар, санаи таваллуд, ҷойи таваллуд, миллат, шаҳрвандӣ, ҷинс, тахаллус, машғулият, ихтисос, ҷойи истиқомат, маълумот оид ба ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, рақамҳои мушаххаскунӣ ва ҳама гуна маълумоти биометрӣ (суратҳо, нақши ангушт ва ғайра), маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳо аз ҳаёти шахс, ки барои мушаххаскунии шахсияти ӯ имкон медиҳад;
- нисбат ба гурӯҳҳо ва ташкилотҳо: номи пурраи ташкилот, аз ҷумла ҳамаи номҳои имконпазири истифодашаванда, дар ҳолатҳои дахлдор - ҷой ва санаи бақайдгирӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, давлат (давлатҳо), ки дар он фаъолият мекунад ва маълумоти дигаре, ки барои мушаххаскунии гурӯҳ ё ташкилот мусоидат менамояд.

25. Мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ошкор ва ё дастрас кардани маълумот оид ба шахс ва ё ташкилоте, ки бояд

ба рӯйхати аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1989, 1988 ва 2253 таҳияшаванда дохил карда шаванд, онро ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо дархост оид ба пешниҳод намудани таклифҳо дар бораи дохил намудан ба рӯйхатҳои кумитаҳои дахлдор ирсол менамоянд. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳангоми мавҷуд будани маълумоти асоснок ва кофӣ оид ба он, ки шахс ё ташкилот дар фаъолияти террористӣ иштирок мекунад ё гумонбар дониста мешавад ва ба талаботи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаҳои дахлдори муқарраранамудаи барои дохил кардан мутобиқат мекунад, дар бораи дохил намудани онҳо ба рӯйхатҳои аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267, 1989, 1988 ва 2253 таҳияшаванда бо тартиби муқарраранамудаи бандҳои 22-24 Тартиби мазкур таклиф пешниҳод менамояд.

## 4. ТАРТИБИ ИНТИШОР НАМУДАНИ РӮЙХАТҲОИ ТАҲРИМӢ, БА СУБЪЕКТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА ВА ШАХСОНИ ДИГАР РАСОНИДАНИ ОНҲО

26. Мақоми ваколатдор рӯйхатҳои таҳримиро дар сомонаи худ бо мақсади расонидани онҳо ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда, мақомоти давлатӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷойгир ва мунтазам таҷдид мекунад. Ҷойгиркунии рӯйхатҳо дар сомона ва таҷдид намудани онҳо бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- рӯйхати муттаҳид бетаъхир дар сомона, дар реҷаи онлайн тавассути нишон додани истинод ба суроғаи дахлдори саҳифаи сомонаи расмии Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, ки зимни гузариш ба он рӯйхати муттаҳиди амалкунанда кушода мегардад, ҷойгир карда мешавад. Дар баробари ин, мақоми ваколатдор мониторинги доимии сомонаи расмии Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳидро барои бетаъхир ҷойгир кардани истиноди нави зарур ба рӯйхати муттаҳид амалӣ менамояд, инчунин барои ба воситаи почтаи электронӣ ирсол намудани огоҳиномаҳо оид ба тағйиру иловаҳо ба он обуна мешавад;

- рӯйхати миллӣ, ки аз Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ворид мегардад, дар сомона бетаъхир, на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи воридшавӣ ҷойгир карда мешавад;

- рӯйхати байналмилалии аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ таҳияшуда дар асоси маълумоте, ки тавассути роҳҳои дипломатӣ ба воситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз ҷониби воҳидҳои ҷустуҷӯйи молиявии давлатҳои хориҷӣ ба мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути шабакаҳои ҳифзшудаи табодули маълумот ворид мегарданд, дар сомона бетаъхир, на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи гирифтани пешниҳоди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ё розигии он дар бораи дохил намудан ба рӯйхат гузошта мешавад.

27. Дар сомона инчунин маълумот барои тамос (рақами телефон, суроғаи электронӣ ва дигар) бо мақоми ваколатдор, ки тавассути онҳо субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва шахсони дигар оид ба ҳолатҳои ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) хабар медиҳанд, ҷойгир карда мешавад.

28. Аз лаҳзаи ҷойгир шудани рӯйхатҳо мутобиқи банди 26 Тартиби мазкур мақоми ваколатдор бетаъхир дар ин хусус эълонро дар сомона, инчунин огоҳиномаро ба воситаҳои электронии алоқаи кормандони масъули субъектҳои ҳисоботдиҳанда ирсол менамояд.

29. Ҳар як субъекти ҳисоботдиҳанда корманди масъули худро оид ба масъалаҳои муқовимат ба маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин, кормандеро, ки ҳангоми ҳозир набудани корманди масъул ӯро иваз мекунад, таъин менамоянд. Ба номи корманди масъули субъекти ҳисоботдиҳанда ва шахси ӯро ивазкунанда воситаҳои электронии алоқа (почтаи электронӣ, шабакаҳо ва паёмрасонҳои иҷтимоӣ ва дигар) кушода мешавад, ки ба онҳо мақоми ваколатдор дар ҳолати зарурӣ маълумоти хаттӣ, огоҳинома ё дигар мавод, рӯйхатҳои дар таҳрири нав нашршударо барои баррасӣ ва мавриди истифода қарор додан ирсол менамояд.

30. Корманди масъули субъекти ҳисоботдиҳанда ё шахси ӯро ивазкунанда ҳар рӯзи корӣ ба сомона ворид шуда, ҳама навгониҳои рӯйхатро меомӯзад, инчунин бо муҳтавои маълумоти хаттӣ, огоҳинома ё дигар маводи тавассути воситаҳои электронии алоқа ирсолшуда шинос мешавад.

31. Корманди масъули субъекти ҳисоботдиҳанда ё шахси ӯро ивазкунанда бетаъхир (на дертар аз 3 соат баъди гирифтани огоҳӣ оид ба ворид гардидани тағйирот ба рӯйхатҳо) ирсолшавӣ ва (ё) дастрасии ҳамаи рӯйхатҳои навшударо ба кормандоне, ки бевосита бо муштариён кор мекунанд (робита доранд), барои маълумот ва дастур қарор додан таъмин менамояд.

32. Агар субъекти ҳисоботдиҳанда ба таври шабонарӯзӣ, новобаста аз рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои иди ғайрикорӣ, аз ҷумла ба таври фосилавӣ фаъолият ва хизматрасонӣ намояд, корманди масъули субъекти ҳисоботдиҳанда ё шахси ӯро ивазкунанда уҳдадоранд иҷрои талаботи бандҳои 30 ва 31 Тартиби мазкурро ҳамарӯза таъмин намоянд.

33. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва анҷом додани амалиёт (аҳд) ва гузаронидани чораҳо оид ба санҷиши дахлдори муштарӣ уҳдадоранд муштариён, контрагентҳо ва моликони баҳрагирандаи онҳоро бо рӯйхатҳо муқоиса намоянд, инчунин мунтазам (ҳар боре, ки ба рӯйхатҳо тағйирот дароварда мешавад ва як маротиба дар се моҳ) мониторинги махзани маълумот оид ба муштариён ва моликони баҳрагирандаро бо рӯйхатҳо ҷиҳати ошкор намудани молу мулк (воситаҳо)-и шахсоне, ки бояд ғайрифаъол гардонида шаванд, ба роҳ монанд.

## 5. ТАРТИБИ ҒАЙРИФАЪОЛГАРДОНИИ МОЛУ МУЛК (ВОСИТАҲО)-И ШАХСОНЕ, КИ БА РӮЙХАТҲО ШОМИЛАНД

34. Асос барои ғайрифаъолгардонӣ қарор доштани шахс ё ташкилот дар рӯйхатҳо мебошад.

35. Ғайрифаъол бояд инҳо гардонида шаванд:

- молу мулк (воситаҳо)-е, ки барои содир кардани фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм, террористони алоҳида ё ташкилотҳои террористӣ, инчунин барои паҳнсозии силоҳи қатли ом истифода ё пешбинӣ шудаанд;

- молу мулк (воситаҳо)-е, ки дар моликияти пурра ё муштарак, ё таҳти назорати бевосита ё бавоситаи (тариқи шахсони дигар) шахсон ва ташкилотҳои ба рӯйхатҳо дохилшуда қарор доранд;

- молу мулк (воситаҳо)-е, ки бевосита ё бавосита аз молу мулк (воситаҳо)-и таҳти моликият ё таҳти назорати шахсон ва ташкилотҳои ба рӯйхатҳо дохилшуда гирифта ё истеҳсол шудаанд;

- молу мулк (воситаҳо)-и шахсон ва ташкилотҳо, ки аз ном ё бо супориши шахсон ва ташкилотҳои ба рӯйхатҳо дохилшуда амал мекунанд.

36. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ бо шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва гузаронидани расмиёти мушаххаскардании муштарӣ ва молики баҳрагиранда, инчунин ҳангоми анҷом додани амалиёт (аҳд) иштирокдорони онҳоро бо рӯйхатҳо месанҷанд.

37. Дар ҳолате, ки агар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, муштарӣ, контрагент ё молики баҳрагиранда ба рӯйхатҳо дохил шуда бошанд, субъектҳои ҳисоботдиҳанда, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд бетаъхир ва бе огоҳонидани пешакӣ молу мулк (воситаҳо) ва дигар манбаъҳои молиявиро (интиқол, мубодила, ихтиёрдорӣ ё гардиши воситаҳо ва дигар молу мулк) ғайрифаъол гардонанд ва дар давоми 3 соат аз лаҳзаи ғайрифаъолгардонӣ дар ин бора ба мақоми ваколатдор хабарнома (бо огоҳонидани пешакӣ тариқи телефон) ирсол намоянд.

38. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда уҳдадоранд, ки ба мақоми ваколатдор дар бораи ҳолатҳои кӯшиши анҷом додани амалиёт (аҳд) бо шахсон ва ташкилотҳое, ки ба рӯйхатҳо дохил шудаанд, низ хабар диҳанд.

39. Мақоми ваколатдор ҳангоми мутобиқи бандҳои 37 ва 38 Тартиби мазкур гирифтани хабарнома оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) онро бетаъхир, на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи ворид шудани хабарнома ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ирсол менамояд.

40. Ба суратҳисобҳои ғайрифаъолгардонидашуда гузаронидани фоизҳо, дигар воридот ё пардохтҳо дар асоси шартномаҳо, қарордодҳо ва уҳдадориҳое, ки то санаи ба рӯйхатҳо дохил намудан ба вуҷуд омадаанд ва ворид гаштаанд, иҷозат дода мешавад. Дар баробари ин, ин гуна фоизҳо, дигар воридот ва пардохтҳо низ бо тартиби муқарраршуда ғайрифаъол гардонида мешаванд.

41. Мақоми ваколатдор вобаста бо маълумоти воридшуда аз субъектҳои ҳисоботдиҳанда оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсе, ки дар рӯйхати байналмилалӣ дарҷ гардидааст, ба мақоми ваколатдори кишваре, ки ташаббусгари дохил кардан ба рӯйхат мебошад, огоҳиномаро дар ин хусус тавассути шабакаи ҳифзшудаи табодули маълумот, ё ин ки ба воситаи роҳҳои дипломатӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

42. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ вобаста ба хабари воридшуда оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) ё дигар дороиҳои молиявии шахсе, ки дар рӯйхатҳо дарҷ гардидааст, санҷиши пешакӣ мегузаронад ва дар ҳолати эътироф намудани далели нодуруст ғайрифаъолгардонӣ (ҳангоме, ки нисбат ба шахси дорои маълумоти мушаххаскунандаи монанд бо шахсони дар рӯйхатҳо буда иштибоҳан ғайрифаъолгардонӣ татбиқ шудааст), бетаъхир дар ин хусус ба мақоми ваколатдор огоҳинома ирсол менамояд. Мақоми ваколатдор огоҳиномаи гирифтаро бетаъхир ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда барои маълумот ва фаъол гардонидани молу мулк (воситаҳо) ирсол мекунад.

43. Мақоми ваколатдор ҳангоми мустақилона ошкор намудани ҳолати ғайрифаъолгардонии нодуруст (ҳангоме, ки нисбат ба шахси дорои маълумоти мушаххаскунандаи монанд бо шахсони дар рӯйхатҳо буда иштибоҳан ғайрифаъолгардонӣ татбиқ шудааст) бетаъхир дар ин бора ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва субъекти ҳисоботдиҳанда барои маълумот ва фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) огоҳинома ирсол менамояд.

44. Ғайрифаъолгардонии амалиёт (аҳд) ва молу мулк (воситаҳо)-и шахс ва ташкилоти ба рӯйхатҳои таҳримӣ дохилшуда ҷиҳати ба миён омадани ҷавобгарии мадании ҳуқуқии субъектҳои ҳисоботдиҳанда барои вайрон кардани шартҳои шартномаҳои дахлдор асос намебошад. Ҳангоми амалӣ намудани Тартиби мазкур Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, мақоми ваколатдор, субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд ҳуқуқҳои шахсони бовиҷдони сеюмро, ки оқилона ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, риоя намоянд.

45. Ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки тибқи қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1737 ба амал бароварда шудааст, набояд барои анҷом додани ҳама гуна пардохтҳо ба шахс ё ташкилот дар доираи қарордодҳои то дохил намудани шахс ё ташкилот ба рӯйхат басташуда монеъ шавад, ба шарте, ки агар қарордод бо ҳама гуна ашё, мавод, таҷҳизот ва ё дигар фаъолияти дар қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид манъшуда алоқаманд набошад ва ин пардохт бевосита ё бавосита аз шахсон ё ташкилотҳои дар қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид муайяншуда гирифта нашуда бошад. Инчунин ба шарте, ки агар даҳ рӯзи корӣ пеш аз ин иҷозатдиҳӣ ба Кумитаи қатъномаи №1737 огоҳномаи пешакӣ оид ба нияти интиқол ё гирифтани ин гуна пардохтҳо ё иҷозати фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) ирсол гардида бошад.

## 6. ТАЪМИНИ ДАСТРАСӢ БА МОЛУ МУЛК (ВОСИТАҲО)-И ҒАЙРИФАЪОЛГАРДОНДАШУДА

46. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба рӯйхатҳо дохил шудаанд, барои таъмини ниёзҳои асосии барои ҳаёт зарурӣ ҳуқуқ доранд ҷиҳати дастрасӣ пайдо кардан ба молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда барои мақсадҳои зерин муроҷиат намоянд:

- харидорӣ намудани маҳсулоти хӯрокворӣ;

- пардохт барои иҷораи манзил ва хизматрасониҳои коммуналӣ;
- пардохти қарзи ипотекӣ ё қарзи дигари то ба рӯйхатҳо дохил гардидан додашуда;
- пардохти алиментҳо, андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ ва суғуртавӣ;
- пардохти хироҷҳо ё пардохтпулиҳо барои нигоҳдории суратҳисобҳои бонкӣ ё нигоҳдории молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда;
- хариди доруворӣ ва пардохти хизматрасонии тиббӣ;
- пардохти хизматрасонии адвокатҳо ва машваратҳои ҳуқуқӣ;
- пардохти дигари хароҷоти фавқулода.

47. Ба муроҷиат маълумот оид ба мақсад, маблағ ва асоснокии пардохт, намуди молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда, ки фаъол гардонидани он дархост карда мешавад, реквизитҳо ва маълумоти мушахаскунандаи гирандаи маблағҳои пулӣ ё молу мулк (воситаҳо)-и дигар бонки гирандаи маблағҳои пулӣ замима карда мешавад.

48. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар рӯйхати муттаҳид қарор доранд, барои дастрасӣ пайдо кардан ба молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда бо ариза ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ муроҷиат менамоянд. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 3 рӯзи корӣ аризаи гирифташударо ба кумитаҳои дахлдори қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид барои барасӣ ирсол менамояд.

49. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани хабарномаи мусбии кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид оид ба таъмини ниёзҳои асосии ҳаётии дар банди 46 Тартиби мазкур зикршуда, ки мутобиқи қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №№1267 (1999), 1373 (2001), 1452 (2002), 2161 (2014), 2170 (2014) ва 2178 (2014) қабул гардидааст, онро ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва мақоми ваколатдор барои додани иҷозати дастрасӣ ба чунин воситаҳо, дороиҳо ё захираҳо ирсол мекунад.

50. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар рӯйхатҳои миллӣ ва байналмилалӣ қарор доранд, барои дастрасӣ пайдо кардан ба молу мулки (воситаҳои) ғайрифаъолгардонидашуда бо ариза ба субъекти ҳисоботдиҳанда муроҷиат мекунанд. Субъекти ҳисоботдиҳанда дар давоми як рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули муроҷиат онро ба мақоми ваколатдор ирсол менамояд.

51. Мақоми ваколатдор дар давоми на дертар аз ду рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабул намудани муроҷиат оид ба таъмини дастрасӣ ба молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда онро ба мақомоти зерин ирсол менамояд:
- ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, агар шахси муроҷиаткунанда дар рӯйхати миллӣ қарор дошта бошад;
- агар шахси муроҷиаткунанда дар рӯйхати байналмилалӣ қарор дошта бошад, ба мақоми ваколатдори кишваре, ки ташаббусгари дохил кардан ба рӯйхат

мебошад, тавассути шабакаи ҳифзшудаи табодули маълумот ё тавассути роҳҳои дипломатӣ ба воситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

52. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар давоми 3 рӯзи корӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки барои қабул намудани қарор ирсоли дархост ба мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, муроҷиатро баррасӣ намуда, оид ба қарори қабулгардида ба мақоми ваколатдор маълумот медиҳад.

53. Мақоми ваколатдор на дертар аз як рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани қарори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ё мақоми ваколатдори кишвареро, ки ташаббусгари дохил кардан ба рӯйхат мебошад, оид ба натиҷаи баррасии муроҷиат ба субъекти ҳисоботдиҳанда мерасонад.

54. Назорати истифодаи воситаҳо мутобиқи банди 46 Тартиби мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдор ва субъектҳои ҳисоботдиҳанда амалӣ карда мешавад. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми пешниҳоди дастрасӣ ба молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда ба мақоми ваколатдор дар ин бора хабар ирсол менамоянд.

55. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар рӯйхатҳо қарор доранд, барои дастрасӣ ба молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда ҳамчунин метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза ба суд муроҷиат намоянд.

## 7.ТАРТИБИ ХОРИҶ НАМУДАН АЗ РӮЙХАТҲО ВА ШИКОЯТ ОВАРДАН АЗ РӮЙИ ҚАРОР ОИД БА ДОХИЛ КАРДАН БА РӮЙХАТҲО

56. Асос барои хориҷ намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯйхатҳои таҳримӣ ин қатъ гардидани шартҳое, ки барои дохил намудан ба рӯйхати дахлдор мутобиқи бандҳои 6-9 Тартиби мазкур асос шудаанд, мебошанд, аз ҷумла:

- аз ҷониби кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид қабул гардидани қарор оид ба хориҷ намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯйхати муттаҳид ё аз қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид;

- бекор кардани ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гунаҳкор донистани шахси воқеӣ дар содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- бекор кардани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи террористӣ ё экстремистӣ эътироф намудани ташкилот (филиал ва (ё) намояндагии он), барҳам додан ё манъ кардани фаъолияти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судии шахсе, ки барои ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом маҳкум шудааст;

- қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахсе, ки барои ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом айбдор шудааст, бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои 27 ва 28 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- огоҳиномаи расмии давлати хориҷӣ ё ташкилоти байналмилалӣ оид ба хориҷ намудани шахс аз рӯйхатҳои шахсоне, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;

- қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суди давлати хориҷӣ оид ба бекор кардани ҳукми суди хориҷӣ вобаста ба маҳкум кардани шахси воқеӣ барои ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом, ё ин ки бекор кардани қарори суд ё мақоми дигари ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба террористӣ эътироф намудани ташкилот ва манъ кардани фаъолияти он;

- бекор кардан ё бозхонди дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахс ва ташкилоте, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд;

- аз рӯйи натиҷаи баррасии муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба рӯйхатҳо дохил кардашуда ё намояндагони қонунии онҳо мутобиқи бандҳои 63-66 Тартиби мазкур;

- марги шахс, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст;

- бо қарори суди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

57. Хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид бо тартиби муқаррарнамудаи қатъномаҳои дахлдори Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид амалӣ карда мешавад.

58. Ҳангоми пайдо шудан ё мавҷуд будани асосҳо барои хориҷ намудани шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯйхати миллӣ, мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъхир, на дертар аз як рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани маълумот оид ба пайдо шудани чунин асосҳо маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи банди 12 Тартиби мазкур, бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (дар шакли коғазӣ ё электронӣ) ирсол менамоянд.

59. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар асоси маълумоти воридгардида қарор оид ба хориҷ намудан аз рӯйхати миллиро қабул намуда, тағйироти дахлдорро ба он бо тартиби муқаррарнамудаи банди 19 Тартиби мазкур ворид менамояд.

60. Хориҷ намудан аз рӯйхати байналмилалӣ бо тартиби пешбининамудаи банди 88 Тартиби мазкур амалӣ мегардад.

61. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки иштибоҳан ба рӯйхатҳо дохил карда шудаанд ё тибқи асосҳои дар банди 56 Тартиби мазкур пешбинишуда бояд аз рӯйхатҳо хориҷ мегардиданд, вале хориҷ карда нашудаанд, ҳуқуқ доранд оид ба хориҷ намудан аз рӯйхат муроҷиат намоянд ва аз рӯйи қарор оид ба дохил карданашон ба рӯйхатҳо шикоят пешоваранд.

62. Ҳангоми шикоят овардан аз рӯйи қарори дохил намудан ба рӯйхати миллӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо ариза ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо

тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамоянд.

63. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ муроҷиати шахсро дар давоми то 15 рӯзи корӣ баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои асосноки зеринро, ки ба аризадиҳанда расонида мешавад, қабул менамояд:

- оид ба қонеъ намудани ариза ва хориҷ намудан аз рӯйхати миллӣ;
- оид ба рад намудани қонеъ намудани ариза.

64. Дар ҳолати рад гардидани қонеъ намудани ариза, шахс ҳуқуқ дорад аз рӯйи қарори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо тартиби судӣ шикоят намояд.

65. Аз рӯйи қарор оид ба дохил кардани шахс ба рӯйхати байналмилалӣ мумкин аст ба судҳо ё мақоми ваколатдори давлати хориҷии ташаббусгари дохил кардан ба рӯйхат шикоят оварда шавад.

66. Барои шикоят овардан аз рӯйи қарори дохил намудан ба рӯйхати муттаҳид шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (муроҷиаткунанда) ҳуқуқ дорад бо ариза ба Дафтари ваколатдори ҳуқуқи инсон ё ба Маркази тамосӣ, ки дар асоси қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1730 (2006) таъсис дода шудааст, муроҷиат намояд. Муроҷиат ба Дафтари ваколатдори ҳуқуқи инсон ё ба таври мустақим мутобиқи муқаррароти банди 21 қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1904 (2009), ё ба воситаи давлати дар он истиқоматкунанда ё шаҳрванди он буда, тавре, ки бо муқаррароти Принсипҳои роҳнамоии кумитаҳои №№1267, 1989, 1988 ва 2253 пешбинӣ гардидааст, пешниҳод карда мешавад.

67. Дар ариза бо дархости хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид бояд истинод ба сабти дахлдор дар ин рӯйхат якҷо бо маълумоти зерин пешниҳод гардад:

1) ҳангоми пешниҳоди ариза аз ҷониби шахси воқеӣ нишон дода мешавад:

- насаб, ном ва номи падари аризадиҳанда, аз ҷумла номи дуюм ва ё сарҳарфи исмҳои хос, номи падару бобо дар ҳолатҳои дахлдор, инчунин тамоми дигар ному тахаллусе, ки муроҷиаткунанда истифода мебарад;
- сана ва ҷойи таваллуд;
- шаҳрвандӣ - агар ягона набошад, ҳамааш нишон дода мешавад;
- маҳалле, ки айни замон истиқомат дорад;
- маълумоти дигаре, ки барои муайян намудани мушаххасот зарур мебошад;

2) ҳангоми пешниҳоди ариза аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ нишон дода мешавад:

- номи пурраи ташкилот, аз ҷумла ҳама гуна номҳои дигари имконпазире, ки истифода мебарад;
- дар ҳолатҳои дахлдор - ҷой ва таърихи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифтани он;
- давлате (давлатҳое), ки айни замон дар он фаъолият анҷом медиҳад;
- маълумоти дигаре, ки барои аниқ намудани ҳама гуна масъалаи вобаста ба мушаххасгардонӣ зарур мебошад;

3) ариза бо нишон додани сабаб/асос барои хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид бояд ҳарчи бештар муфассал пур карда шавад. Аризадиҳанда бояд ба

ҳамаи он меъёрҳои мушаххасе, ки барои ба рӯйхати муттаҳид дохил кардан асос шудаанд ё дар хулосаи тавсифӣ баён шудаанд (вобаста ба ҳолат) диққат диҳад. Ғайр аз ин, агар муроҷиаткунанда доир ба сабабу асосҳои ба рӯйхати муттаҳид дохил карданаш маълумот ё шубҳа дошта бошад, он гоҳ ин маълумот бояд якҷо бо шарҳу далел ё ҳуҷҷатҳои ба онҳо дахлдошта ба ариза дар мавриди зарурат замима карда шаванд, аз ҷумла:

- нусхаи ҳар гуна ҳуҷҷат ё маводи дигари тасдиқкунанда ё тавзеҳотӣ;

- тавсифи ҳар гуна мурофиа ё тафтишоти судӣ, ки ба дархости аз рӯйхати дахлдор баровардан тааллуқ дорад;

- ҳуҷҷатҳое, ки ҳамаи муроҷиатҳои пешинаи аризадиҳандаро бо хоҳиши хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид тасдиқ мекунанд. Агар аризаи қаблӣ тавассути Маркази тамос пешниҳод гардида бошад, муроҷиат тавассути Дафтари ваколатдори ҳуқуқи инсон ҳамчун аввала ба ҳисоб меравад;

4) ҳангоме, ки ариза аз ҷониби намояндаи қонунии шахси дар рӯйхати муттаҳид қарордошта ё шахси бовариноки ӯ пешниҳод мегардад, ба ариза бояд ҳуҷҷате, ки барои аз номи муроҷиаткунанда амал кардан ваколат медиҳад, замима карда шавад.

68. Ариза бо дархости хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид ба Дафтари ваколатдори ҳуқуқи инсон шакли озод, бо яке аз шаш забони расмии Созмони Милали Муттаҳид (англисӣ, арабӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ ё фаронсавӣ) пешниҳод мегардад. Ариза бо роҳҳои гуногуне, ки дар шакли хаттӣ ба қайд гирифтани онро имкон медиҳад, аз ҷумла тавассути почтаи оддӣ, почтаи электронӣ ё алоқаи факсӣ пешниҳод мегардад. Ҳангоми ирсол намудани ариза бо почтаи оддӣ барои осон намудани кор бо он ва муроҷиати навбатӣ оид ба ҳамин масъала бояд суроғаи фиристанда, почтаи электронӣ ё рақами факс, дар ҳолати набудани онҳо рақами телефоне, ки метавон бо аризадиҳанда дар тамос шуд, дарҷ гардад.

69. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳангоми расман фавтида эътироф гардидани шахсе, ки дар рӯйхати муттаҳид қарор дорад, оид ба он ба Вазорати корҳои хориҷӣ огоҳинома бо замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бо мақсади минбаъд хабардор намудани кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид ирсол менамояд.

70. Дар ҳолати фавтидани шахсе, ки дар рӯйхати муттаҳид қарор дорад, дархост дар бораи хориҷ намудани ӯ аз рӯйхати вобаста ба ташкилотҳои террористии «Ал-Қоида», «Давлати Исломии Ироқ ва Шом», «Толибон», «Ҷабҳат-ан-Нусра» ва дигар ташкилотҳои террористӣ ба Дафтари ваколатдори ҳуқуқи инсон аз тарафи меросгири қонунии вай якҷо бо ҳуҷҷатҳои расмие, ки чунин мақомро тасдиқ менамоянд, фиристода мешавад.

71. Ба дархост дар бораи хориҷ намудан аз рӯйхати муттаҳид мутобиқи бандҳои 69 ва 70 Тартиби мазкур бояд хатти вафот ё ҳуҷҷати ҳаммонанди расмии тасдиқкунандаи вафот, инчунин ҳуҷҷате, ки мақоми меросгирро тасдиқ мекунад, замима гарданд.

72. Мурочиаткунандагон инчунин бояд ба кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид оид ба дар рӯйхати муттаҳид мавҷуд набудани шахсоне, ки меросгири қонунӣ ё соҳибони муштараки молу мулки фавтида мебошанд, муайян намуда хабар диҳанд ва онро тасдиқ намоянд, ҳамчунин бо мақсади роҳ надодани истифодаи дороиҳои фаъолгардонидашуда бо мақсадҳои террористӣ, паҳнкунии силоҳи қатли ом, ба кумитаи дахлдор маълумоти пурра оид ба номи ҳамаи шахсон ё ташкилотҳое, ки метавонанд ҳар гуна дороиҳои фаъолгардонидашудаи шахси фавтида ва ташкилотҳои фаъолияташон қатъгардидаро ба даст оранд, пешниҳод намоянд.

73. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ пас аз тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани хабарномаи кумитаи дахлдори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид дар бораи хориҷ намудани шахс аз рӯйхати муттаҳид мутобиқи муқаррароти қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1904(2009), дар давоми рӯзи корӣ мақоми ваколатдорро ба таври хаттӣ дар бораи аз рӯйхати муттаҳид хориҷ шудани шахси дахлдор хабардор менамояд.

74. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда мутобиқи банди 24 қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1904 (2009) уҳдадоранд дар ҳолати фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахси фавтида ё шахси ҳуқуқии фаъолияташ қатъгардида, ки аз рӯйхати муттаҳид хориҷ карда шудаанд, муқаррароти қатъномаи Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1373 (2001) - ро ба эътибор гиранд ва ба истифодаи молу мулк (воситаҳо)-и фаъолгардонидашуда бо мақсадҳои террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом роҳ надиҳанд.

## 8.ТАРТИБИ ФАЪОЛГАРДОНИИ МОЛУ МУЛК (ВОСИТАҲО)

75. Фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) ва аз нав барқарор намудани амалиёт бо молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда дар мавридҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- аз рӯйхатҳо хориҷ намудани шахс ё ташкилот;
- дар ҳолатҳои иштибоҳан ғайрифаъолгардонӣ (ҳангоме, ки нисбат ба шахси дорои маълумоти мушаххаскунандаи монанд бо шахсони дар рӯйхатҳо буда иштибоҳан ғайрифаъолгардонӣ татбиқ шудааст) бо тартиби муқаррарнамудаи бандҳои 42-43 ва 76-79 Тартиби мазкур.

76. Шахсони дорои маълумоти мушаххаскунандаи монанд бо шахсони дар рӯйхатҳо қарордошта, ки молу мулк (воситаҳо)-и онҳо ғайрифаъол гардонида шудаанд, барои фаъолгардонии онҳо ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ аризаи хаттӣ ирсол менамоянд. Ба ариза бояд ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигари зарурие, ки пурра мушаххас намудани шахсро таъмин намуда, шахси дар рӯйхат қарордошта набудани онро тасдиқ мекунад, замима карда шаванд.

77. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мурочиатро дар муҳлати 3 рӯзи корӣ баррасӣ намуда, дар ҳолати тасдиқ гардидани далели он, ки иштирокчии амалиёт шахси дар рӯйхатҳо қарордошта намебошад ва иштибоҳан ғайрифаъолгардонӣ

дониста шудааст, доир ба он аризадиҳанда ва мақоми ваколатдорро барои маълумот ва фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) ба таври хаттӣ огоҳ менамояд. Дар ҳолате, ки аз рӯйи маълумоти пешниҳоднамудаи аризадиҳанда ба таври дахлдор мушаххас намудани шахс ғайриимкон бошад, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба аризадиҳанда асоснок раддия мефиристад.

78. Мақоми ваколатдор огоҳномаи аз Кумитаи давлатии амнияти миллӣ гирифташударо оид ба далели ғайрифаъолгардонии нодуруст бетаъхир ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда барои фаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахс ирсол менамояд.

79. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми хориҷ гардидани шахс аз рӯйхатҳо ва ё ҳолати дар банди 78 Тартиби мазкур пешбинишуда дар давоми як рӯзи корӣ молу мулк (воситаҳо)-и шахсро фаъол гардонида, оид ба он ба таври хаттӣ ба мақоми ваколатдор хабар медиҳанд.

## 9.ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ҒАЙРИФАЪОЛГАРДОНИИ МОЛУ МУЛК (ВОСИТАҲО)-И ШАХСОНИ МУҚАРРАРШУДА

80. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва мақоми ваколатдор дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё принсипи мутақобила, инчунин қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ҳамкории байналмилалиро бо мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ошкор ва ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо) ба роҳ мемонанд.

81. Мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ метавонанд дархост оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсон ва ташкилотҳо, ба рӯйхати байналмилалӣ дохил кардани онҳоро бо роҳҳои дипломатӣ ё тавассути шабакаҳои ҳифзшудаи табодули маълумот, аз ҷумла тариқи ирсоли маълумот аз ҷониби воҳиди ҷустуҷӯйи молиявии давлатҳои хориҷӣ ба мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намоянд.

82. Дар дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахс ё ташкилот ва ворид намудани онҳо ба рӯйхат бояд инҳо нишон дода шаванд:

- маълумоте, ки барои асоснок ё тахмини ҷоиз кардани он, ки шахс ё ташкилот фаъолияти террористӣ ё маблағгузории он ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир кардааст ё кӯшиши содир намудан кардааст ё дар онҳо иштирок намудааст ё гумонбар шудааст, ё бо дигар тарз ба фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқамандӣ дорад;
- маълумоти, ки мутобиқ будани шахс ё ташкилотро ба асосҳои барои дохил намудан ба рӯйхатҳо, ки дар бандҳои 8 ё 9 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст, асоснок менамояд;
- маълумот барои мушаххасгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар банди 4 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст.

83. Ҳангоми нопурра пешниҳод шудани маълумот Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ё мақоми ваколатдор ҷиҳати гирифтани маълумоти иловагӣ ба

мақоми ваколатдори давлати хориҷие, ки дархост ирсол намудааст, бо роҳҳои дипломатӣ, тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тавассути шабакаҳои ҳифзшудаи табодули маълумот муроҷиат менамоянд.

84. Агар дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахс ва ташкилот, ворид намудани онҳо ба рӯйхати байналмилалӣ тавассути мақоми ваколатдор ирсол шуда бошад, мақоми ваколатдор бетаъхир, на дертар аз як рӯзи кории аз лаҳзаи ворид шудани он, дархостро ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ барои баррасӣ ва мувофиқанамоӣ ирсол менамояд.

85. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар давоми як рӯзи корӣ дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷиро баррасӣ намуда, аз натиҷааш дар бораи ба рӯйхати байналмилалӣ дохил намудани шахс ё ташкилот ба мақоми ваколатдор пешниҳод ирсол менамояд ё ба таври асоснок дохил намудан ба рӯйхатро рад менамояд ва дар ин хусус мақоми ваколатдор ва ташаббусгари дархостро хабардор менамояд.

86. Дар ҳолати ғайриимкон будани иҷрои дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳо ба ташаббусгари дархост бо дарҷ намудани сабабҳое, ки барои иҷрои дархост монеъ гардидаанд, баргардонида мешаванд.

87. Дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ дар он сурат иҷро намегардад, агар он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намояд ё иҷрои он ба соҳибистиқлолӣ ё амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад.

88. Тағйиру иловаҳо ба рӯйхати байналмилалӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор бетаъхир аз лаҳзаи гирифтани пешниҳоди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ё розигии он дар бораи дохил намудан ба рӯйхат ворид карда шуда, дар сомона бо тартиби дар банди 26 Тартиби мазкур пешбинишуда ҷойгир карда мешаванд.

89. Мақоми ваколатдор, бо мақсади дар ҳолати мубрамият нигоҳ доштани рӯйхати байналмилалӣ, на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ маълумотеро, ки барои дохил намудан ба рӯйхати байналмилалӣ асос гардидааст, санҷида (муқоиса намуда), аз мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ – ташаббусгар доир ба тасдиқ намудани мубрам будани онҳо дархост менамояд.

90. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва мақоми ваколатдор (дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ) ҳангоми ирсол намудани дархост ба мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ дар бораи ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахс ё ташкилоти дар рӯйхати миллӣ қарордошта ва ворид намудани онҳо ба рӯйхатҳои дахлдори давлати хориҷӣ бояд дар дархост маълумоти кофӣ барои асоснок ё тахмини ҷоиз кардани он, ки шахс ё ташкилот фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир кардааст ё кӯшиши содир намудан кардааст ё дар онҳо иштирок намудааст ё гумонбар шудааст, ё бо дигар тарз ба фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ё паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқамандӣ дорад, нишон диҳанд.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

91. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, мақоми ваколатдор ва мақомоти назоратии дахлдор дар доираи салоҳияти худ назорати аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва дигар шахсон риоя шудани Тартиби мазкурро амалӣ менамоянд.

92. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва мақоми ваколатдор баҳисобгирии амалиёт (аҳд) ва молу мулк (воситаҳо)-и ғайрифаъолгардонидашуда ва фаъолгардонидашуда, инчунин фаъолият оид ба ҳамкории байналмилалиро дар ин самт пеш мебаранд.

93. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми анҷом додани расмиёти ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсони дар рӯйхатҳо зикргардида бояд қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ва «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро ба роҳбарӣ гиранд.

94. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи Тартиби мазкурро иҷро намекунанд ё онро ба таври номуносиб иҷро мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.